# Тақризи

мушовири илмӣ ба диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан дар мавзуи «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).

Дар муддати кор аз болои диссертатсия Сафарзода М.В. худро хамчун мутахассиси донишманд, масъулиятнок ва бофаросат дар соҳаи таҳқиқи масъалаҳои вобаста ба педагогика нишон дода тавонист. Қобили зикр аст, ки кори диссертатсионии Сафарзода М.В. ҳануз аз солҳои баъди ҳимояи рисолаи номзадӣ ва кору фаъолияти омӯзгориаш зимни хондани маърузаҳо ва гузаронидани машғулиятҳои амалӣ аз фанҳои тахассусӣ дар асосу заминаи мисолу намунаҳо сурат гирифтааст, ки баъдан заминаи таҳқиқоти диссертатсионии ӯро ташкил кардаанд.

Рисолаи илмии Сафарзода М.В. дар кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ анҷом дода шудааст.

Сафарзода Мунир Ватан факултети барномасозии Филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб (ҳозира Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб)-ро соли 2010 хатм намудааст. Солҳои 2011-2012: ассистенти кафедраи информатика ва технологияи иттилоотии ДДК ба номи А.Рӯдакӣ. Солҳои 2012-2013: мутахассиси маркази бақайдгирӣ ва иттилоотии низоми кредитии таҳсилот. Солҳои 2013-2014: сармутахасиси маркази бақайдгирӣ ва иттилоотии низоми кредитии таҳсилоти донишгоҳ. Соли 2014 рисолаи илмӣ бо ихтисоси 13.00.01 – Педгогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) дифоъ намудааст. Солҳои 2014-2016 декани факултети иқтисод ва идора, солҳои 2016-2019 декани факултети физика ва математикаи донишгоҳ, аз соли 2017 и.в. дотсенти кафедраи илмҳои компютерӣ, аз 22.02.2020 то 27.02.2020 ҷонишини декан оид ба таълими ғоибонаи факултети иқтисод

ва идора. Солҳои 2020-2022 сардори Маркази таҳсилоти фосилавии ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, аз 2022-2023 мудири кафедраи менеҷмент ва маркетинги факултети иқтисод ва идора ва аз 05.04.2023 то ҳол муовини ректор оид ба тарбияи ДДК ба номи А.Рӯдакӣ.

Мавзуи рисолаи илмӣ таҳти унвони «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 30-юми сентябри соли 2017 тасдиқ карда шудааст (суратҷаласаи №2/4).

Муҳтаво ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмии Сафарзода М.В. дар конференсияҳои байналмилалӣ, конференсияҳои илмӣ-амалии ҳарсолаи ҳайати профессорону омӯзгорони ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва ғ. (2017- 2023) инъикос ёфтаанд. Натиҷаҳои алоҳидаи рисола дар 10 монографияи илмӣ ва дастурҳои таълимӣ-методӣ ва беш аз 58 маҷалаҳои илмӣ дар шакли мақолаҳои илмӣ ва фишурдаи маърузаҳо дар конфронсҳои илмӣ-амалӣ, аз ҷумла маҷаллаҳои илмие, ки ба рӯйхати маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Муассисаи давлатии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомиланд, инъикос ёфтаанд.

Навгонии рисола дар он зоҳир мегардад, ки дар он нахустин маротиба масъалаҳои назарӣ ва амалии андрагогика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтаанд. Кори диссертатсиони мазкур аввалин таҳқиқоти ҷиддии проблемаҳои асосҳои андрагогии таълим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳсилот мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқ, ки заминаи назариявии андрагогикаи муосир ва таълими калонсолонро ташкил медиҳанд, барои рушди минбаъдаи таҳқиқот дар соҳаи таълими калонсолон аҳамияти муҳим доранд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки таълими ғайрирасмӣ васеъ гардида, дар ин замина таҳаввулоти ғояҳо ошкор карда шуданд, ки баҳри татбиқи як қатор муносибатҳои методологӣ аз рӯйи консепсияи таҳсилоти калонсолон мусоидат намуда,

имкон фароҳам меоранд, то ҷанбаҳои гуногуни таълими ғайрирасмӣ муайян гардида, бо такя ба назарияи фалсафӣ ва антропологии муоширaт ҳамчун як шакли фаъолияти коммуникатсионӣ дар раванди таълим баррасӣ шавад. Ҳамчунин ҷанбаи дидактикии таълими ғайрирасмӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок гардида, таъсири он ба интихоби усулҳо, технологияҳо ва роҳҳои ташкили ҷараёни таълими педагогон нишон дода шудааст.

*Аҳамияти амалии таҳқиқ иборат аз* амсилаҳои тавъамсозии таълими ғайрирасмӣ бо низоми анъанавии такмили ихтисос аст, ки пешниҳод шудаанд ва имкон медиҳанд дар мазмуни фаъолияти касбӣ, дигаргуниҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва дар заминаи меъёрии танзими низоми маориф ба зудӣ тағйирот ворид карда шавад. Ҳамчунин ҷанбаи дидактикии таълими ғайрирасмӣ таҳия карда шудаст, ки дар он интихоби усулҳо, технологияҳо ва шаклҳои таълим дар ташкили таълими ғайрирасмӣ асоснок карда шуда, самаранокии таълими муаллимонро зиёд мекунад ва маводҳои таълимӣ дар 18 ноҳияи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон санҷида ва дастгирӣ ёфтааст.

Дар раванди кор, омӯзишу таҳқиқ ва таҳлили маводи ҷамъшуда, муҳаққиқ маҳорату малакаи хеле хуби ҷамъ овардану тасниф, таҳлил ва хулосабарории аз нуқтаи назарию амалӣ дақиқ ва судмандро нишон дод. Дар натиҷа, ба фикри мо, унвонҷуй Сафарзода М.Н. тавонист масъалаҳои марбут ба андрагогикаро о хеле намоён ва бо мисолҳои дақиқ таъкиду баррасӣ намояд. Муҳаққиқ дар чандин мавридҳо далелу мисолҳоеро таъкид ва баррасӣ намудааст, ки дар адабиёти мавҷудаи илмӣ зикр нашудаанд.

Бешубҳа, муҳаққиқ ҳамчун мутахассис хеле хуб омода шуда, рушд кардааст, мавзуи рисолаи илмиро ҳаматарафи омӯхта, таҳқиқ кардааст, аз адабиёти илмии педагогӣ пурррa огоҳ аст ва мазвуи таҳқиқро дар сатҳи баланди илмии педагогикаи муосир омӯхтааст. Кори диссертатсионии муҳақиқ ба анҷомрасида буда, он босаводона навишта

шудааст ва аз назари техникӣ дар шакли зарурӣ таҳия гардида, ба талабот комилан ҷавобгӯй мебошад.

Сафарзода М.В. аз вазифаи ба ӯҳдадошта баромадааст ва ҳамчун мушовири илмӣ чунин мешуморам, ки ӯ сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Доктори илмҳои филологӣ,
профессор, мудири кафедраи забони тоҷикӣ бо методикаи таълими ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Ҷумъахон Алимӣ

Имзои профессор Ҷ. Алимиро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф.

Маълумот дар бораи иртибот:
735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16
Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: (833-22) 2-35-06, (833-22) 2-36-26
Факс: (33-22) 2-35-06, www.kgu.tj